Табрикоти

Раиси нохияи Зафарobод Исмоилзода З.М. бахшида ба Рӯзи кабули

Конститутсияи Чумхурии Точикистон

**Хамдиёрони азиз!**

Санаи 6 ноябр дар саросари кишвари азизамон - Точикистони сохибистиклол Рӯзи кабули Конститутсия тачлил карда мешавад, ки мо имсол 30-солагии онро чашн мегирем. Ин сана яке аз санахои фархундаву такдирсоз мебошад, ки боиси ифтихор ва сарбаландии хар як точику точикистонӣ гардидааст.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар Паёми худ ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон, ки санаи 28 декабри соли 2023 ироа намуданд, вобаста ба 30-солагии кабул гардидани Конститутсияи Чумхурии Точикистон ва ахамияти он дар хаёти чомеа таъкид намуда, чунин иброз доштанд: **“Амалӣ намудани меъёрхои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояхои устувори чомеа ва давлатро созмон дихем, сулху оромӣ, суботи сиёсӣ, ва вахдати миллиро тахким бахшем, рушди устувори иктисодии кишварамонро таъмин намоем, барои хар як шахрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро мухайё созем”**

Дар ин раванд, ба ифтихори 30-юмин солгарди Конститутсияи Чумхурии Точикистон аз

чониби Рохбари давлат соли 2024 **“Соли маърифати хукукӣ”** эълон гардида, ба тахкими минбаъдаи давлатдории демократӣ, хукукбунёду дунявӣ дар каламрави чумхурӣ заминаи боэътимод гузошта шуд.

Бо истифода аз фурсати муносиб хамаи шумо ва дар симои Шумо тамоми мардуми сарбаланд ва мехнаткарини нохияро ба ифтихори чашни бузург – Рӯзи Конститутсияи Чумхурии Точикистон, ки барои хар яки мо бисёр азизу гиромист, самимона табрику муборакбод менамоям.

Баъди эълон гардидани Истиклолияти давлатӣ, дар сессияи 17-уми Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон махз бо рохбарии Сарвари давлат - Раиси Шӯрои Олӣ мухтарам Эмомалӣ Рахмон комиссияи муштарак оид ба тахияи лоихаи Конститутсияи Чумхурии Точикистон таъсис дода шуд. Дар натичаи захматхои мунтазами аъзоёни комиссия Конститутсияи нави Чумхурии Точикистон пешниход карда шуда, мардуми точик бо майлу иродаи худ ва бо рохи раъйпурсии умумихалкӣ онро санаи 6-уми ноябри соли 1994 кабул намуд.

Конститутсияи Чумхурии Точикистон 30 сол кабл дар як мархилаи басо хассосу таърихӣ кабул гардид. Он хуччатест, ки фазои амалаш махдуд набуда, сарнавишт ва рохи пешрафти ояндаи халку давлатро дар тӯли дахсолахо ва хатто садсолахо муайян мекунад. Дар ин санади мукаддас хадафхои асосии халки точик дар бунёди чомеаи озоду босаодат инъикос шудаанд. Ин Бахтномаи миллат сохти давлатдорӣ ва низоми хаёти чомеаи нави Точикистонро муайян намуда ба сулху субот ва вахдати миллӣ дар мамлакатамон асоси боэътимод гузошт.

Тавассути ин дастоварди олӣ халки Точикистон ба чомеаи чахонӣ бо сарбаландӣ эълон сохт, ки сохиби давлати сохибихтиёри худ буда, дар рохи хифзи комёбихо ва афзоишу тахкими онхо пайваста кӯшиш менамояд ва рушди сохибихтиёрии давлати миллии хешро хадафи асосии худ карор дода, барои таквияти минбаъдаи он саъю талош меварзад.

Конститутсияи Чумхурии Точикистон, ки меъёрхои он аз принсипи инсондӯстӣ маншаъ мегирад, хамчун хуччати сарнавиштсози сиёсиву хукукӣ эътироф гардида, дар он арзишхои мухими хаётӣ, изхори марому максади кулли сокинони кишвар ба таври возех инъикос гардидаанд.

Конститутсияи амалкунандаи Чумхурии Точикистон хамчун ифодагари азму ирода ва равшангари рохи хаёти мардум, вокеан санади такдирсозе аст, ки низоми давлатдориро муайян намуда, хифзи хукуку озодихои инсон ва шахрвандро таъмин менамояд.

Тачлили хамасолаи Рӯзи Конститутсияи Чумхурии Точикистон дар кишвари мо аз таваччухи Хукумати Чумхурии Точикистон ва пеш аз хама, аз гамхорӣ ва пуштибонии пайвастаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон нисбат ба ин санади бузурги таърихӣ гувохӣ медихад.

Конститутсияи Точикистони сохибистиклол хамчун баёнгари орзую ормони халк хукуку озодихои инсонро кафолат дода, асосхои сохтори чамъият, шакли идоракунӣ ва ташкили худуди давлат, асосхои таъсиси макомоти марказӣ ва махаллии хокимияти давлатӣ, салохият ва муносибати онхоро муайян мекунад.

Кабули Конститутсия кишвари моро ба сафи давлатхои демократии чахони муосир ворид намуд. Он хукуки инсонро арзиши олӣ эътироф намуда, доираи фаъолияти тамоми нерӯхои сиёсӣ – хизбхо, иттиходияхои чамъиятиро муайян сохт ва барои кор ва фаъолияти он хо заминаи конунӣ гузошт. Конститутсия низоми иктисодии мамлакатро дар заминаи эътироф намудани хамаи шаклхои моликият муайян намуд.

Ин санади асосии такдирсоз Президенти кишварро – сарвари давлат ва раиси Хукумат эълон дошта, хомии
К
онститутсия, конунхои кишвар, ху
к
у
к
у озоди
х
ои инсон ва ша
х
рванд, кафили истиклолияти миллӣ, ягонагии тамомияти арзӣ ва пойдории давлат эътироф намуд.

Дар нохияи Зафаробод ба ифтихори 30-юмин солгарди кабули Конститутсияи Чумхури

и Точикистон ба корхои ободонӣ ва бунёдкорӣ вусъат дода шуд. Максади асосӣ густариши корхои ободонӣ дар махалхо, хифзи мухити зист, таргибу эхёи анъанахои мехнатии ниёгон, чалб намудани шахрвандон ба халли муаммохои махал ва тарбияи насли наврас дар рӯхияи мехнатдӯстию механпарастӣ мебошад.

Дар доираи омодагӣ ба Рӯзи Конститутсияи Чумхурии Точикистон дар нохия корхои сохтмону ободонӣ вусъати тоза пайдо намуд. Мавриди истифода карор гирифтани иншоотхо ва марказхои тичоратӣ бозгӯи бунёдкорихо мебошад. Хамчунин мумфашкунии зиёда аз 3 километр роххои кӯчахои дохилии шахрак ва дехот, ки бо икдоми ахолӣ ва азми сохибкорони ватанӣ танхо соли 2024 сурат гирифтанд, шаходати рисолатии азалии созандагии халкамон мебошад.

Мардуми зафарманди нохияи Зафаробод икболи баланди хешро дар он мебинанд, ки дар чомеаи боадолат умр ба сар мебаранд ва давлату Хукумат икдомхои некро барои таъмини сулху озодии шахрвандон, татбики фарогири Конститутсия амалӣ менамоянд.

Мо имрӯз бо сарбаландӣ гуфта метавонам, ки мардуми шарафманди нохияи Зафаробод бо мехнати созандаву садокати ватандӯстона сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмонро чонибдориву дастгирӣ намуда, дар партави хидоятхои шоистаи Сарвари давлат тамоми кӯшишу фаъолияти худро бахри гиромидошти мукаддасоти миллӣ, эхтироми волоият ва маърифати Конун равона месозанд.

Бо камоли эхтиром ва самимият бори дигар ин санаи ба хар яки мо азизу мукаддас, Рӯзи Конститутсияи Чумхурии Точикистонро аз номи Макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия ба хар яки Шумо шодбош мегӯям ва таманно дорам, ки давлатамон хамеша ободу озод ва мардумаш хурраму дилшод бошад.

**Ид муборак, хамдиёрони азиз!**